# Тақризи

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Алишери Амирхон дар мавзӯи “Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02- Таърихи ватанӣ**

Соҳаи фарҳанг ҳамеша ва пайваста дар мадди назари роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон будааст. Мо инро аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдат- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бараъло ва ба таври возеҳу равшан мушоҳида мекунем. Ҳарчанд, ки барои пешрафти муассисаҳои таҳсилоти касбии ибтидоӣ, миёнаи махсус ва олии вилояти Хатлон Ҳукумати Тоҷикистон ва мақомоти Ҳокимияти иҷроияи ин вилоят корҳои зиёдеро ба анҷом расонида бошанд ҳам, аммо дар ин соҳа каму костиҳои зиёде вуҷуд дорад. Дар тӯли ин солҳо дар вилояти Хатлон соҳаи адабиёт, васоити ахбори омма, муассисаҳои фарҳангӣ аз рушди нисбӣ бархӯрдор гардидаанд. Лекин дар ин риштаҳо низ камбудиҳои зиёде ба чашм мерасанд. Ҳамин тавр, мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда дар он аст, ки новобаста ба дастовардҳои фарҳангӣ дар вилояти Хатлон дар давраи соҳибистиқлолӣ, проблемаҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ҳалли онҳо бе таҳқиқу ташхиси ҷиддии илмӣ, баҳои холисона додан ва пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ намудан имконнопазир аст.

Диссертатсия аз сарсухан, 2 боб, 5 зербоб, хулоса ва номгӯи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, робитаи диссертатсия бо барномаҳо ва мавзӯҳои илмии муассисаи мазкур, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, предмети таҳқиқот, объекти таҳқиқот, заминаҳои методологии диссертатсия, асоси сарчашмавии таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф дар натиҷагирии мавзӯъ ва дигар нуктаҳое, ки

иҷрои онҳо барои навиштани сарсухани диссертатсия ҳатмӣ мебошанд, нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия “Таҳаввулот дар низоми таълиму тарбия” номгузорӣ шуда, дорои зербобҳои “Дигаргуниҳо дар соҳаи маорифи халқи вилоят” ва “Вазъи таҳсилоти касбии ибтидоӣ, миёна ва олӣ” мебошад. Дар он гуфта мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ, таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, таҳсилоти иловагӣ, таҳсилоти махсус фаъолият менамоянд. Ин муассисаҳо дар давраи мавриди назари мо соҳиби дастовардҳо буданд. Аммо дар фаъолияти онҳо ҳанӯз ҳам камбудию норасоиҳо ҷой доранд. Ва дар охири ҳар зербоб муаллифи диссертатсия камбудиҳои ҷойдоштаро нишон дода, барои рафъи онҳо пешниҳодҳои мушаххас намудааст.

Боби дуюми диссертатсия “Вазъи адабиёт ва санъат” ном дошта, дорои 3 зербоб зери ановини “Нақши адабиёт ва васоити ахбори омма дар рушди ҳаёти маънавии шаҳрвандони вилоят”, “Рушди ҳунари театрӣ ва мусиқӣ”, “Дигаргуниҳо дар ҳаёти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ” мебошад. Дар ин боб низ масъалаҳои мавриди назари диссертант ба таври мушаххас ва илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Муаллиф дар радифи нишон додани дастовардҳои муассисаҳои фарҳангии вилоят, ба хулоса омадааст, ки дар кори ходимони адабиёт, матбуот, радио, телевизион, театр, муассисаҳои фарҳангӣ аз қабили дастаҳои мусиқӣ, китобхонаҳо, осорхонаҳо, хонаҳои фарҳанг, боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ каму костаҳои зиёде ҷой доранд.

Аз ҷумла фаъолияти адибони вилоятро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба чунин хулоса расидааст: “Аммо дар маҷмӯъ наметавон гуфт, ки фаъолияти шуъбаи Хатлонии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҳам дар шаҳри Кӯлоб ва ҳам дар шаҳри Бохтар пурра ҷавобгӯ ба талаботи давру замон аст. Пеш аз ҳама бояд иқрор шуд, ки маҳсули эҷодии бархе

аз адибони вилоят заиф буда ва дар сатҳи паст офарида мешаванд.Ин аст, ки бисёре аз адибони муқими вилоят дар манотиқи дигари ҷумҳурӣ ҳанӯз ношинохта боқӣ мондаанд. Ба андешаи мо, танҳо эҷоди асари хуби бадеӣ метавонад ин ва ё он адибро ба ҷомеа муаррифӣ намояд. Мутаассифона чунин адибон дар вилояти Хатлон зиёд нестанд".

Хулосаи диссертатсия иборат аз 13 нукта буда, дар онҳо муаллиф ҳусну қубҳи вазъи фарҳанги вилояти Хатлонро нишон додааст. Пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия низ ҷанбаи илмӣ дошта, барои дар оянда ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои илмию таълимӣ ва адабию фарҳангии ин вилоят хеле муфиданд. Ва гуфта метавонем, ки мақсад ва вазифаҳое, ки муаллиф дар наздаш гузоштааст, иҷро шудаанд.

Рисолаи номзадии Алишери Амирхон "Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016")-ро дар маҷмӯъ таҳқиқоти анҷомёфта меҳисобам ва барои дифоъ тавсия медиҳам.

Доктори илмҳои таърих,
профессори кафедраи таърихи
халқи тоҷики Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Расулиён Қаҳҳор Расул

Имзои Қ.Р.Расулиёнро
тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Э. Тавқиев

12. 04. 2022

11 апрели соли 2022
Нишонӣ:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: (+992)938666463